Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-018
назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва
ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АИ ҶТ

**ТАҚРИЗИ**
**номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Ҳакимов Раҷаб Муродович**
**ба диссертатсияи Таваров Дилшодҷон Саидмуродович дар мавзӯи:**
**«Раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар шароити муосир (таҷрибаи Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ**

**Муҳимияти мавзӯи таҳқиқот**

Диссертатсияи Таваров Д.С. ба омӯзиши яке аз масъалаҳои муҳимтарини замони муосир бахшида шудааст. Дар он ҷанбаҳои назариявию методологии омӯзиши ҷомеаи иттилоотӣ баррасӣ гардида, дар заминаи таҳлили адабиёти илмӣ моҳият ва хусусиятҳои муҳими ин навъи ҷомеа нишон дода шудааст. Ғайр аз ин, дар диссертатсияи мазкур ба омилҳои сиёсии ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ диққати махсус дода шуда, нақши давлат дар ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ ва истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди идоракунии давлатӣ асоснок карда шудаанд. Ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ яке аз паҳлуҳои муҳимтарини таҳқиқоти мазкурро ташкил медиҳад. Дар ин радиф муаллиф ба татбиқи меъёрҳои асосии ҷомеаи иттилоотӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, мушкилот ва дурнамои рушди ин навъи ҷомеаро дар мисоли Тоҷикистон нишон додааст.

Муҳиммияти омӯзиши мавзӯи таҳқиқот, пеш аз ҳама, бо зарурияти ташаккулдиҳии ҷомеаи иттилоотӣ асоснок мегардад. Чунин зарурият ва муҳиммият дар таҳқиқоти муаллиф хеле хуб асоснок карда шудааст. Бояд гуфт, ки дар замони муосир рушди ҷомеа ва соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ аз истифодаи самараноки технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ вобаста мебошад. Кишварҳое ки дар самти истифодаи ТИК муваффақият ба даст овардаанд, тавонистаанд, ки рушду инкишофи мамлакати худро дар сатҳи зарурӣ таъмин намоянд. Муаллиф низ вобаста ба ин масъала хеле бамаврид қайд менамояд, ки дар шароити ҷомеаи иттилоотӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) ба таври васеъ истифода гардида, дар соҳаи сиёсат – ҳукумати электронӣ, дар соҳаи иқтисодиёт – тиҷорати электронӣ, дар соҳаи иҷтимоиёт – хизматрасониҳои электронӣ ва дар соҳаҳои дигар низ муносибатҳои иттилоотию коммуникатсиониро ба вуҷуд меоранд.

Бинобар ин, гузариш ба ҷомеаи иттилоотӣ, ташаккули инфрасохтори иттилоотии кишвар ва дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти мамлакат ба таври васеъ мавриди истифода қарор додани ТИК хеле муҳим буда, рушдиояндаи ҷомеа аз онҳо вобастагии зиёд дорад.

Таъмини рушду инкишофи соҳаҳои гуногуни мамлакат, паст намудани сатҳи камбизоатӣ ва беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии мардум ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Аз ин рӯ, дар самти амалигардонии ҳадафҳои мазкур рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ заминаи босазое фароҳам меоварад. Инчунин қобили қайд аст, ки масъалаи ҷомеаи иттилоотӣ на танҳо дар илмҳои сиёсӣ, балки дар дигар соҳаҳои илми ватанӣ бори аввал аст, ки бо дарназардошти таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода мешавад. Бинобар ин, бо дарназардошти зарурияти ташаккулдиҳии ҷомеаи иттилоотӣ ва муҳиммияти омӯзиши ин масъала мавзӯи интихобгардида мубрам ба шумор рафта, дар ин радиф таҳқиқоти мазкур кори илмии саривақтӣ ва муҳим ба шумор меравад. Махсусан, ташаккулдиҳии ҳукумати электронӣ ва рушди сиёсати иттилоотонии мамлакат дар ин марҳилаи рушду инкишофи кишвар ба омӯзиши бештар ниёз дорад. Аз ин рӯ, таҳқиқоти мазкур барои муҳаққиқоне, ки ба омӯзиши масъалаҳои ҷомеаи иттилоотӣ ва сиёсати иттилоотонии давлат машғул мегарданд, заминаи хуби илмию назариявӣ фароҳам меоварад.

### Сатҳи эътимоднокии хулосаю пешниҳодҳо, натиҷаҳо ва баррасиҳои илмии муаллиф

Дар диссертатсияи мазкур консепсияҳои классикии ҷомеаи иттилоотӣ баррасӣ гардида, доираи васеи адабиёти илмии бо мавзӯъ алоқаманд мавриди таҳлил қарор дода шудаанд. Дар заминаи таҳлили консепсияҳои мазкур ва дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ муаллиф моҳияти ҷомеаи иттилоотиро нишон дода, зарурият ва муҳиммияти ташаккулдиҳии ин навъи ҷомеаро асоснок намудааст. Хулосаҳои муаллиф вобаста ба заминаҳои ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ хеле аҳамиятнок мебошанд. Дар алоқамандии ин дар таҳқиқоти мазкур шарту шароити таъмин намудани рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва истифодаи самараноки онҳо дар соҳаҳои гуногуни мамлакат нишон дода шудаанд. Инчунин муаллиф дар асоси омӯзиши таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи олам сиёсати иттилоотонии кишварҳои пешрафтаро ҳамчун таҷрибаи пешқадам муаррифӣ намуда, дар хулосаҳои худ истифодабарии таҷрибаи давлатҳои мазкурро асоснок намудааст.

Муаллиф дар заминаи таҳлилҳои илмӣ ба таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳ зоҳир намуда, раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотии мамлакатро баррасӣ менамояд. Дар ин раванд, пеш аз ҳама, муваффақиятҳои давлату ҳукумат дар самти ташаккулдиҳии ҷомеаи иттилоотӣ нишон дода шудаанд. Аммо дар радифи муваффақиятҳо инчунин камбудию норасоиҳо низ баррасӣ мегардад. Муаллиф барои бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта, пешниҳод менамояд, ки бо мақсади хубтару беҳтар таъмин намудани рушди ҷомеаи иттилоотии мамлакат монеаҳои дар ин самт мавҷуда ҳарчи зудтар бартараф карда шаванд. Ба сифати чунин монеаҳо чунин мушкилот ва камбудиҳо номбар гардидаанд: норасоии мутахассисони соҳаи технологияҳои иттилоотӣ, дар сатҳи паст қарор доштани истифодабарии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, арзиши баланди нархи интернет ва суръати пасти он дар мамлакат, то ҳанӯз мавҷуд набудани системаҳои иттилоотии соҳавӣ ва ғ.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои асосии диссертатсия, хулосаҳо, баррасиҳои илмии муаллиф ва ҳамчунин тавсияҳои амалии ӯ барои соҳаҳои гуни ҳаёти ҷамъиятӣ хеле аҳамиятнок мебошанд. Пеш аз ҳама, натиҷаҳои таҳқиқот ва маводи диссертатсияро дар раванди таълими фанҳои сиёсатшиносӣ, амнияти миллӣ, амнияти иттилоотӣ, ҷомеашиносӣ ва монанди инҳо, метавон истифода бурд. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот барои муҳаққиқоне, ки ба омӯзиши дигаргуниҳои сифатӣ ва равандҳои сиёсии замони муосир машғуланд, аҳамияти зиёди илмию назариявӣ доранд. Дар баробари ин, хулосаҳои таҳқиқоти мазкурро дар самти таҳияи барномаҳои давлатӣ ва стратегияҳои рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ истифода намудан мумкин аст.

Дар маҷмӯъ, таҳқиқоти мазкур дар заминаи таҳлили адабиёти илмӣ ва омӯзиши равандҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шуда, дар он нисбат ба рушди ҷомеаи иттилоотии мамлакат хулосаҳои илман асоснокшуда баён гардидаанд. Бинобар ин, таҳқиқоти мазкур, пеш аз ҳама, дар шароити Тоҷикистон барои таҳқиқоти минбаъдаи ҷомеаи иттилоотӣ ва рушду инкишофи он заминаи илмию назариявӣ ба шумор меравад. Инчунин, дар асоси таҳлилу таҳқиқи консепсияҳои илмӣ зарурати ташаккулдиҳии ҷомеаи иттилоотӣ нишон дода шудааст, ки он барои асоснок намудани дурустии стратегияҳои давлатӣ ва сиёсати иттилоотонии мамлакат аҳамиятнок мебошад.

**Навгонии таҳқиқот ва сатҳи эътимоднокии онҳо**

Диссертатсияи Таваров Д.С. аз се боб ва шаш зербоб иборат мебошад. Тартиби таҳия ва ҷобаҷогузории бобҳои диссертатсия мантиқи

худро доранд. Дар раванди таҳияи сохтори диссертатсия истифодаи методи индуксия ва дедуксия ба назар мерасад. Таҳлили мундариҷаи таҳқиқот нишон медиҳад, ки боби аввал ба омӯзиши масъалаи умумӣ бахшида шуда, дар боби дуюм аллакай омӯзиши масъалаи мушаххас оғоз меёбад ва дар боби сеюм дар мисоли таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон боз ба омӯзиши масъалаи умумӣ баргашта мешавад. Чунин тарзи кор ба муаллиф имкон додааст, ки дар омӯзиши ин масъала, пеш аз ҳама, дар самти амалигардонии мақсади таҳқиқот ба муваффақият ноил гардад.

Дар маҷмӯъ, дар боби аввали диссертатсия ҷанбаҳои назариявию методологии ҷомеаи иттилоотӣ баррасӣ гардида, дар заминаи таҳлили консепсияҳои классикӣ ва омӯзиши адабиёти илмӣ мафҳум, моҳият ва мундариҷаи ин навъи ҷомеа нишон дода шудааст. Инчунин дар боби мазкур заминаҳои ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ баррасӣ гардида, хусусиятҳои муҳимми ин раванд нишон дода шудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия омилҳои сиёсии ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ матраҳ гардида, дар он сиёсати иттилоотонии давлат, нақши давлат дар ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ ва амалигардонии барномаҳо ва стратегияҳои давлатӣ баррасӣ гардидаанд. Дар доираи ин боб муаллиф нишонаҳои асосии ҳукумати электрониро муаррифӣ карда, самаранокии истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди идоракунии давлатиро муайян намудааст.

Дар боби сеюми диссертатсия бевосита раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Дар ин боб раванди ташаккулёбии инфрасохтори иттилоотӣ ва заминаҳои пайдоиш ва рушду инкишофи ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудаанд. Инчунин мушкилоте, ки дар самти ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон монеа эҷод мекунанд, муайян карда шуда, дар асоси онҳо дурнамои рушди ҷомеаи иттилоотӣ пешниҳод гардидааст.

**Норасоиҳои диссертатсия**

Дар таҳқиқоти мазкур дар баробари муваффақиятҳои муаллиф ва дар баробари паҳлуҳои мусбати диссертатсияи ӯ, инчунин баъзе норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки онҳоро ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

1.Хуб мебуд агар дар раванди таҳқиқот назарсанҷӣ анҷом дода мешуд ва натиҷаҳои он дар диссертатсияи мазкур истифода мегардид. Ба андешаи мо, истифодаи натиҷаҳои назарсанҷӣ эътимоднокии хулосаҳои диссертатсияро боз ҳам баландтар менамуд.

2.Дар таҳқиқоти мазкур аз чи сабаб бошад, ки ба масъалаи амнияти иттилоотӣ таваҷҷуҳи камтар дода шудааст. Ба андешаи мо, ба омӯзиши ин масъала низ як зербоби алоҳида бояд бахшида мешуд.

3.Дар заминаи истифоданамоии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ пешниҳод гардидани хизматрасониҳои давлатӣ ба таври равшан ва амиқу дақиқ нишон дода нашудааст. Хуб мебуд, агар муаллиф ин навъи хизматрасониҳоро каме муфассал номбар менамуд.

Аммо дар маҷмӯъ, норасоиҳои мазкур ба илмияти таҳқиқоти муаллиф таъсири ҷиддӣ расонида наметавонанд. Баъди мутолиаи диссертатсия эҳсос намудан мумкин аст, ки муаллиф дар омӯзиши масъалаи ҷомеаи иттилоотӣ саҳми калон гузоштааст. Муваффақиятҳои муаллиф нисбат ба норасоиҳои диссертатсия чандин маротиба зиёд мебошанд. Аз ин рӯ, норасоиҳои номбаршуда характери тавсиявӣ дошта, барои дар оянда хубтару беҳтар таҳқиқ намудани ин масъала ба муаллиф пешниҳод карда мешаванд.

**Мутобиқати диссертатсия**
**ба меъёрҳои муқарраргардида**

Диссертатсияи Таваров Дилшодҷон Саидмуродович ба яке аз масъалаҳои муҳимтарини замони муосир бахшида шуда, дар он раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар раванди таҳқиқот муаллиф доираи васеи адабиёти илмиро истифода намуда, дар заминаи омӯзиш ва таҳлили онҳо моҳияти ҷомеаи иттилоотӣ, хусусиятҳо ва заминаҳои рушду инкишофи он, омилҳои сиёсии ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотиро баррасӣ намудааст. Адабиёти омӯхташуда, маводи истифодашуда, баррасиҳои муаллиф, хулосаҳои асосии диссертатсия, мазмуну мундариҷаи он, методҳои илмии истифодагардида бо ихтисоси 23.00.02 – ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ мувофиқат менамоянд. Адабиёти илмӣ ва сарчашмаҳои илмии истифодашуда ба мавзӯи таҳқиқотӣ алоқаманд буда, ба муаллиф имкон додаанд, ки мақсади таҳқиқотро амалӣ намояд.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос гардида, дар маҷаллаҳои илмӣ нашр шудаанд. Диссертатсия ва нашриҳои илмии муаллиф бо риояи қоидаҳои иқтибосоварӣ таҳия гардида, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда тибқи талабот нишон дода шудаанд. Автореферати диссертатсия муҳтавои асосии таҳқиқотро дарбар мегирад. Диссертатсияи мазкур кори мустақилона анҷомёфтае мебошад, ки сохтори он тибқи талаботи муқарраргардида таҳия шудааст.

Дар маҷмӯъ диссертатсияи Таваров Дилшодҷон Саидмуродович дар мавзӯи «Раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар шароити муосир (таҷрибаи Тоҷикистон)» ба талаботи пешбининамудаи бандҳои 10-16

«Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷуҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Таҳқиқоти мазкур дар сатҳи илмӣ таҳия гардида, диссертатсияи мустақилона анҷомёфта ба ҳисоб меравад. Мавзӯи интихобгардида, мазмуну мухтавои диссертатсия, мазмуну мундариҷаи таҳқиқот, мақолаҳои чопнамудаи муаллиф бо ихтисоси 23.00.02 – ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ мувофиқат менамоянд. Аз ин рӯ, муаллифи диссертатсия сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ мебошад.

_______________ Ҳакимов Раҷаб Муродович, номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ

Имзои дотсент Ҳакимов Р.М.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи С.Айнӣ

_______________

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.